«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Директори Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании
АМИТ ________________ Бобозода Б.Б.
«24» ____05____ 2022 с.

# ХУЛОСАИ

Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Тадқиқоти диссертатсиони дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабз (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович баъди хатми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (2012) ба аспирантураи назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шӯъбаи рӯзона дохил шуда, соли 2015 онро хатм кардааст. Айни замон мавсуф ба ҳайси омӯзгор дар факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият дорад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби аспирантурияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои биологӣ, Бобоев М.Т. мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзадӣ ҳайати аъзоён ба хулосаҳои зерин омаданд.

Паҳншавии обсабзҳои сабз дар обҳавзаҳои гуногуни минтақаи таҳқиқотӣ нобаробар буда, гуногунамудии зиёд ба обанбори Бахри тоҷик (138 намуд ва зернамуд) ва нисбатан камтар барои обанборҳои Даҳанасой ва Каттасой (66 намуд ва зернамуд) хос мебошад. Алгофлораи дарёҳо бошад аз ҷиҳати гуногуннамудии обсабзҳо хело кам ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи пасттаринро дарёи Исфара (29 намуд ва зернамуд) нишон дод. Дар обҳавзаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ аз ҳама бештар тартибҳои Sphaeropleales, Chlorellales, Chlamydomonadales, Ulotrichales ва Chaetophorales хеле гуногуннамуд буда, 3 ҷои аввалро ишғол мекунанд.

**Баҳодиҳӣ ба кори иҷронамудаи унвонҷӯ.** Рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ ба анҷом расида, маводи зиёдро дар бар гирифтааст. Таҳлили объекти таҳқиқ бо назардошти методҳои муосири илмӣ ҷараён гирифта, хулосаҳои дақиқи илмӣ бароварда шудааст. Дар рисола таркиби намудии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон дар шароити минтақа муқаррар карда шудааст, ки дар шинохти бештари обсабҳои сабзи дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Иштироки унвонҷӯй барои ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд.** Унвонҷӯй бевосита дар экспедитсияҳо ва таҳқиқотҳои саҳрой, барои ба даст овардани натиҷаҳо, коркард ва таҳлили онҳо, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд, иштирок намуда, дар ин замина мақола ва фишурдаҳои илмиро омода ва нашр намудааст. Маводи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмии «Ҳифзи гуногуннамудии биологии Помир дар шароити тағйирёбии иқлим» (Душанбе, 2014), «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Душанбе, 2015; Хуҷанд 2019; Кӯлоб 2021), «Гуногуннамудии биологии экосистемаҳои кӯҳии Помир вобаста ба тағйирёбии иқлим» (Душанбе, 2021) баррасӣ ва муҳокима карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда.** Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таҳқиқоти бисёркаратаи саҳрой ва озмоишӣ, истифодаи усулҳои маъмул ва инчунин таҳлили омории натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба дастомада тасдиқ менамоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола нахустин маротиба хусусиятҳои таркибӣ ва намудии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, пас аз гузаронидани таҷриба, ташхис, муқоисаву муқобала дар маҷмӯъ баъди анҷоми корҳои таҳқиқӣ 31 намуди нави обсабзҳои сабз барои флораи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 18 намуди нав барои Тоҷикистон дарёфт ва муайян карда шудааст. Натиҷаи ин кори илмӣ дар муайянсозии обсабзҳои кашфнашудаи дарёҳои шимоли Тоҷикистон аз муҳимтарин дастовардҳои барои илми биология ва обсабзшиносӣ мебошад. Афзун бар ин, дар рисола нахустин маротиба таркиби намудии обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии минтақаи ҳамворӣ бо сарчашмаҳои обии баландкӯҳӣ муқоиса ва фарқияти таркиби намудии онҳо муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқотҳои гузаронидашуда.** Натиҷаҳои бадастомада дар гузаронидани таҳқиқот оид ба алгофлора, динамикаи шумораи намудҳо ва хусусиятҳои экологии онҳо дар минтақаи таҳқиқотӣ,

яъне Тоҷикистони Шимолӣ ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат мерасонанд. Маводи рисоларо метавон дар раванди таълими фанҳои «Алгология ва микология», «Систематикаи растаниҳои дараҷаи паст», «Экология», «Флораи обсабзҳои Тоҷикистон» дар факултети биологияи мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор дод.

Маълумот оид ба хусусиятҳои сапробнокии обсабзҳои сабз дар минтақаҳои таҳқиқотӣ барои муайян намудани таркиби сифатии оби обанборҳо ҳамчунин бо мақсади полоиши оби ҳавзаҳои биологӣ ё обпартоҳои минтақаҳои аҳолинишин ва корхонаҳои саноатӣ метавонанд истифода намоянд.

**Арзиши корҳои илмии унвонҷӯй.** Таркиби намудӣ, паҳншавӣ, хусусиятҳои экологии обсабзҳои сабз дар Тоҷикистони Шимолӣ омӯхта шуд. Хусусиятҳои экологии обсабзҳои сабзи минтақаи ҳамворӣ бо ҳавзаҳои обии доманакӯҳӣ муқоиса ва динамикаи шумора, нашъунамои мавсимии онҳо муқаррар карда шуд. Истифодаи обсабзҳои сабз ба монанди *Chlorella, Scenedesmus, Ankistrodesmus, Chlamydomonas* дар тозакунии биологии таркиби оби обҳавзаҳои дорои оби ифлос пешниҳод гардид.

**Саҳми шахсии довталаб.** Муаллиф дар таълиф, таҳияи нақша ва барномаҳои таҳқиқот, гузаронидани баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии маводи саҳроӣ, муайян кардани таркиби намудӣ, шумораи намудҳо, муайян кардани мавсими нашъунамои обсабзҳои сабз дар Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, коркарди оморӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, омода ва интишори маводи чопӣ бевосита иштирок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ: конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳифзи гуногуннамудии биологии Помир дар шароити тағйирёбии иқлим» (Душанбе, 2014), конференсияҳои байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Душанбе, 2015; Хуҷанд, 2019; Кӯлоб, 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмии «Гуногуннамудии биологии экосистемаҳои кӯҳии Помир вобаста ба тағйирёбии иқлим» (Хоруғ, 2021) ва дар конференсияҳои илмӣ анъанавии апрелии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (2015-2021) маърӯзаҳои илмӣ карда шуд. Инчунин дар конференсияи кормандон ва ҳайати профессорон-омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

(2019, 2021), дар ҷаласаи васеъи шуъбаи флора ва систематикаи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2022), ҷаласаи умумилабораторииИнститути ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2022) ва кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (2022) пешниҳод ва муҳокима шудааст.

**Дарҷи пурраи натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои нашрнамудаи унвонҷӯй.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 8 кори илмӣ: 3 - фишурдаи мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд:

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Мирсабуров Ш.М. Материалы к фитогеографии пресноводных водоросей Центральной Азии [Текст] / Х.Х. Хисориев, А.Г. Ибоди, Ш.М. Мирсабуров //Доклады АН Республики Таджикистан. 2014. – Т. 57. – № 1. – С. 63-72.

[2-М]. Мирсабуров Ш.М. Таҳлили таксономии обсабзҳои сабз Chlorophyta дар обанбори Даҳанасой [Матн] / Ш.М. Мирсабуров // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. – №1 (52). – С. 51-55.

[3-М]. Мирсабуров Ш.М. Роль зеленых водорослей в определении качества воды в Кайраккумском и Каттасайском водохранилищах [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, Г.Х. Шарипова // Учёные записки: серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. – №1 (52). – С. 56-60.

[4-М]. Мирсабуров Ш.М. О зелёных водорослях – Chlorophyta бассейна р. Исфары [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, Х.Х. Хисориев // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2021. – Т. 64. – №1-2. – С. 108-112.

[5-М]. Мирсабуров, Ш.М. Новые флористические находки зеленых водорослях – Chlorophyta Северного Таджикистана [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, М.Т. Бобоев // Учёные записки: серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2022. – №1 (60). – С. 27-30.

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:**

[6-М]. Ташкил намудани алгорезерватҳо ва ё мамнӯъгоҳҳои хурд барои ҳифзи намудҳои нодири обсабзҳо дар Тоҷикистон [Матн] / Ҳ. Ҳисориев, П.А. Қурбонова, Ш.М. Мирсабуров // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳифзи гуногуннамудии биологии Помир дар шароити тағйирёбии иқлим». Душанбе, 2014. – С. 90-92.

[7-М]. Мирсабуров Ш.М. Омӯзиши гуногуншаклии обсабзҳои кабуду сабз – Cyanophyta дар обанбори Даҳанасой [Матн] / Ш.М. Мирсабуров, Г.Ҳ. Шарипова // Маводи конференсияи VIII-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ». Душанбе: Дониш, 2019. – С. 27-28.

[8-М]. Мирсабуров Ш.М. Гуногуннамудии обсабзҳои сабз (Chlorophyta) дар ҳавзаи Сирдарё [Матн] / Ш.М. Мирсабуров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмии «гуногуннамудии биологии экосистемаҳои кӯҳии Помир вобаста ба тағйирёбии иқлим». Душанбе: Дониш, 2021. – С. 58-60.

[9-М]. Мирсабуров Ш. М. Гуногунии биологии обсабзҳои кабуду сабз – Cyanophyta дар обанбори Каттасой [Матн] / Ш.М.Мирсабуров, Г.Ҳ. Шарипова // Маводи конференсияи IX-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ». Душанбе: Дониш, 2021. – С. 24.

**Қарор қабул карда шуд:**

Рисолаи номзадии унвонҷӯ муаллими кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо Мирсабуров Шавқатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси “03.02.01. –ботаника” барои дифо тавсия карда шавад.

**Хулоса** дар ҷаласаи байни Шуъба ва озмоишгоҳии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок намуданд:** 14 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** Тарафдор - 14 нафар, зид - 0 нафар, бетараф - 0 нафар; протоколи №3 аз 26.05.2022 с.

**Раиси ҷаласаи байни Шуъба ва озмоишгоҳҳои Институт**
**н.и.б., мудири озмоишгоҳи**
**экология ва захираи растаниҳо** **А. А. Мадаминов**

**Муқарризи №1:**
**Мудири кафедраи ботаникаи ДДОТ ба номи**
**С. Айнӣ н.и.б. дотсент** **А. Р. Қурбонов**

**Муқарризи №2**
**Сарходими илми- шӯъбаи флора**
**ва систематикаи н. и. б.** **А. С. Давлатов**

**Котиб** **Н. Муродова**

**Нозири калони шуъбаи кадрҳо** **Н. С. Умарова**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**26.05.с.2022**